# ПРОТОКОЛИ

мачлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи беморихои вируси норасоии масунияти бадан/аломати норасоии масунияти бадан (ВИЧ/СПИД), сил ва варача дар Чумхурии Точикистон

аз 24 феврали соли 2007 № 4

**Раиси мачлис:** Мавлонова Х.Ю – муовини Сарвазири Чумхурии Точикистон, раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВИЧ\СПИД, сил ва варача дар Чумхурии Точикистон

**Иштирок намуданд:** аъзоёни Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ (рӯйхат замима мешавад)

**Даъватшудагон:**

Сантино Северони – намояндаи Ташкилоти умумичаҳонии тандурустӣ дар Точикистон, Юкие Макуо – Роҳбари намояндагии Хазинаи ЮНИСЕФ дар Точикистон, Рӯзиев М.М. – директори Маркази чумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо СПИД, Сайдалиев С.С. – директори Маркази чумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сил, Каримов С.С. – директори Маркази чумҳуриявии мубориза бо беморихои тропикӣ, Винниченко Т. – роҳбари лоиҳаи «ХОУП», Чалилова З. - роҳбари грантҳои ВИЧ/СПИДи Хазинаи глобалӣ дар Чумхурии Точикистон, Болтаева М.Р. - намояндаи барномаи ЮНЭЙДС дар Чумхурии Точикистон, Латипов А.Л. – ҳамоҳангсози миллии лоиҳаи минтакавии оиди пешгирии бемории ВИЧ/СПИД дар Точикистон, Рӯзадоров М.- муовини раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Аюбӣ Сафармуҳаммад - мудири шӯъбаи ичтимоиёти дастгоҳи раиси ш. Душанбе, Маҳмадова Т.- муовини раиси вилояти Хатлон, Забиров А.- масъули комиссияи соҳавии вилояти Хатлон, Раҳматова Р.- муовини раиси шаҳри Ваҳдат, Раҳматуллоева Ф.- муовини раиси ноҳияи Файзобод, Бобоева М.- муовини раиси шаҳри Турсунзода, Қодирова М.- муовини раиси ноҳияи Шаҳринав, Рачабова Ш.- муовини раиси ноҳияи Варзоб, Солиева С.- муовини раиси ноҳияи Ҳисор, Арбобов З.- мудири шӯъбаи ичтимоиёти дастгоҳи раиси ш. Роғун, Табаров М.Т.- муовини аввали раиси шаҳри Роғун, Ҳикматова З.- муовини раиси ноҳияи Точикобод, Мирзоева Д.- муовини раиси ноҳияи Рашт, Муллочаева Қ.- муовини аввали раиси ноҳияи Нуробод, Шарифзода А.- муовини раиси ноҳияи Чиргитол, Сафаров М.- муовини раиси ноҳияи Тавилдара, Орипов Ҳабибуло- масъули комиссияи вилояти Суғд.

***<u>Рӯзномаи мачлис:</u>***

1. Дар бораи фаъолияти Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи беморихои вируси норасоии масунияти

бадан/аломати норасоии масунияти бадан (ВИЧ/СПИД), сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006 ва вазифаҳо барои соли 2007

2. Тасдиқи Нақшаи кори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои вируси норасоии масунияти бадан/аломати норасоии масунияти бадан (ВИЧ/СПИД), сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2007

Аҳли толорро бо мазмуну мундариҷаи рӯзномаи маҷлис ва зарурияти муҳокимаи масъалаҳои мазкур Мавлонова Х.Ю. – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ шинос намуданд.

Оид ба масъалаи аввали рӯзнома муовини вазири тандурустӣ Мирзоев А.С. ахборот доданд (замима мегардад).

**Баромад карданд:** *Абдураҳмонова Р.Ф., Каримова И.Х., Ашӯров С.Б., Ҷӯраев К., Комилова С., Рӯзиев М.М., Сайдалиев С.С., Каримов С.С., Рӯзадоров М., Забиров А., Раҳматова Р., Орипов Ҳ., Муллочаева К., Хидиров М.А.*

Дар бораи масъалаи дуюм – Нақшаи кори кумита барои соли 2007 аъзоёни кумитаро Мавлонова Х.Ю. – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос намуда, мақсаду маром ва мӯҳтавои онро ба таври возеҳу равшан баён карданд (замима мегардад).

Маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза **қарор мекунад:**

1. Ахбороти муовини вазири тандурустӣ Мирзоев А.С. «Дар бораи фаъолияти Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар соли 2006 ва вазифаҳо барои соли 2007» ба маълумот гирифта шавад.

2. Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои вируси норасоии масунияти бадан/аломати норасоии масунияти бадан (ВИЧ/СПИД), сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

– ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар бораи амалисозии қонуну барномаҳои қабулгардида оид ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза чораҳои мушаххас андешад;

– бобати беҳтар гардидани алоқа ва фаъолияти созмонҳои байналмиллалӣ ва донорӣ дар ҳамбастагӣ бо бахшҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ корҳои судмандро анҷом диҳад.

3. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

– ҷиҳати амалисозии барномаҳое, ки ба паст кардани осебпазирии гурӯҳҳои хавфноки ВИЧ/СПИД равона карда шудаанд, тадбирҳо андешад;

– барои сари вақт дастрас намудани маводҳои табобатӣ ва ташхисӣ, барои сари вақт аз ташхис гузаронидани аҳолӣ ва бо маводҳои ташхисию табобатӣ таъмин намудани беморон чораҳо андешад;

– бехатарии хуни донориро аз барангезонидани бемориҳое, ки тавассути хун мегузаранд, таъмин намояд;

– бобати сари вақт ошкор ва дарёфт намудани беморони сил ва табларза, инчунин ба табобат фаро гирифтани онҳо чораҳо андешад.

4. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, касбию техникӣ ва олӣ омӯзиши масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла пешгирии бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларзаро ба роҳ монад.

5. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо ВИЧ/СПИД» масъалаи имтиёзҳо ва бо ҷубронпулиҳо таъмин намудани шахсони сироятёфта ва беморони ВИЧ/СПИД-ро баррасӣ намуда, механизми амалӣ гардидани онро пешниҳод намояд.

6. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мунтазам пахш намудани барномаи махсус дар бораи тарзи ҳаёти солим ва рекламаи иҷтимоӣ баҳри беҳтар намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба баланд бардоштани маданияти санитарӣ ва пешгирии ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар байни аҳолиро таъмин намояд.

7. Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо:

– ҷиҳати татбиқи стратегия ва барномаҳои соҳавӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳо, ёриҳои башардӯстона, грантҳо, беҳтар намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои соҳавӣ, чорабиниҳои солимгардонии аҳолӣ, дастрасии кӯмакҳои тиббию санитарӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳангиву маърифатии аҳолӣ татбирҳои амалӣ андешанд;

– базаи моддию техникии хадамоти мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил ва табларзаро беҳтар гардонанд;

– барои ҳавасмандкунии мутахассисон фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ, дастгирии молиявии онҳо чораҳо андешанд.

8. Нақшаи кори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза барои соли 2007 тасдиқ карда шавад.

Назорати иҷрои он ба зиммаи котиботи иҷроияи Кумитаи мазкур гузошта шавад.

Муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
раиси Кумитаи
миллии ҳамоҳангсозӣ

Х.Мавлонова